**Суратмаҷлиси №113**

Маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА–014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**«19» 06 соли 2026** **ш. Душанбе**

**Аъзоёни шуро ҳамагӣ: 16 нафар**
**Иштирок доштанд: 12 нафар аъзоёни шуро**

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

| | |
|---|---|
| 1. Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович | д.и.и. 5.2.11 |
| 2. Кошонова Манзура Раҳматҷоновна | д.и.и. 5.2.11 |
| 3. Убайдуллоев Фаредулло Каримович | н.и.и. 5.2.17 |
| 4. Аминов Иномҷон | д.и.и. 5.2.4 |
| 5. Қандиёрова Дилбар Облоқуловна | д.и.и. 5.2.4 |
| 6. Мирсаидов Саидакмал Аврорович | д.и.и. 5.2.11 |
| 7. Умаров Хоҷамаҳмад | д.и.и. 5.2.17 |
| 8. Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович | д.и.и. 5.2.11 |
| 9. Сафаров Баҳром Гулматович | д.и.и. 5.2.4 |
| 10. Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич | д.и.и. 5.2.17 |
| 11. Шарифзода Баҳром Маҳмуд | д.и.и. 5.2.17 |
| 12. Нурализода Эмомалӣ Нуралӣ | д.и.и. 5.2.4 |

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия, д.и.и., профессор Ҳикматов У.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи "Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз оид ба ҳимоя баромад намуда, хулосаи омоданамудаи комиссияи экспертиро оид ба қабули диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ба аъзоёни шуро расонид.

Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюров Ғайрат Ҳакимович мебошад.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, инчунин соҳаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА–014 мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар умум 15 мақолаи илмӣ, аз ин шумора 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва маҷмуаи маводи конференсияҳои сатҳи гуногун ба табъ расонида шудаанд.

Комиссияи экспертӣ барои баргузор намудани ҳимояи диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи “Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА–014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия медиҳад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи “Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ дар 15 мақолаи илмӣ, аз ин шумора 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Бо пешниҳоди комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;
- **Икромӣ Нуриддин Қиём** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

5. **Санаи ҳимоя** 26-уми августи соли 2026 таъин карда шавад.

6. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи муассиса ва нашри автореферат бо теъдоди 100 нусха бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳнкунии он иҷозат дода шавад.

7. Омода намудани лоиҳаи хулосаи шуро оид ба диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек ба уҳдаи д.и.и., профессор Ҳикматов У.С., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М. ва н.и.и., Убайдуллоев Ф.К. вогузор карда шавад.

Аз рафти маҷлис чунин натиҷагирӣ карда шуд:
Тарафдор – 12 нафар, зид– нест, бетараф– нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Фаќеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионии**
**н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**